Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

20 июли соли 2022 Чоршанбе № 57 (14862)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ХАЛҚ МЕЪЁРҲОИ СУЛҲҶӮЁНАРО ДАСТГИРӢ МЕКУНАД

Муҳлати муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи Қонуни конституционӣ «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конституцияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» то 1 август дароз карда шуд.

Сабаби ин дар чист? Якум, мардуми мо фаъолнокӣ нишон дода, оид ба лоиҳаи қонун ва дар вохӯриҳо бо интихобкунандагон таклифҳо мефиристанд.

Ҳамин тариқ, дар чорабиниҳо ва вохӯриҳо дар қитъаҳои интихоботӣ шоҳиди он будем, ки чӣ гуна сокинони ноҳияи Сӯх, ки дар анклаву кӯҳистони вилояти Фарғона ҷойгиранд, дар татбиқи ислоҳоти конституционӣ фаъолона иштирок намуда, пешниҳод ва андешаҳои худро ирсол менамоянд.

(Давомаш дар саҳ.2).

ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ВА НОИБ-ПРЕЗИДЕНТИ ЭРОН ИСТИҚБОЛИ ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ МУШТАРАКИ ИННОВАТСИОНИРО БАРРАСӢ НАМУДАНД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 19 июл Ноиб-президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Сурено Сатториро пазируфт, ки дар мамлакатамон бо ташрифи корӣ ҳузур дорад.

Масъалаҳои минбаъд вусъат додани муносиботи бисёрҷанбаи Ӯзбекистону Эрон баррасӣ гардиданд. Ба пеш бурдани лоиҳа ва барномаҳои муштарак дар соҳаҳои илм, инноватсия ва технология эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Дар оғози гуфтугӯ Сурено Сатторӣ ба роҳбари давлатамон паёми самимӣ ва таманнохои беҳтарини Президенти Эрон Иброҳим Раисиро тақдим намуд.

Ҷонибҳо бо қаноатмандӣ фаъолгардии робитаҳои дуҷониба ва табодули тарафҳоро, ки дар солҳои охир ба назар мерасад, таъкид намуданд. Инчунин нишондодҳои савдо ва теъдоди лоиҳаҳои ҳамкорӣ меафзоянд. Соли гузашта табодули амвол 73 фоиз зиёд гардида, аз аввали соли ҷорӣ боз 22 фоизи дигар зиёд гардид.

Имконоти вусъат додани ҳамкории амалӣ дар соҳаи ба амал овардани тадқиқотҳои муштараки илмиву амалӣ, ҷалби сектори хусусӣ ба таъминоти молиявии корҳои пажӯҳишӣ ва ташаббусҳои венчур, дастгирии барномаҳои байни мактабҳои таълими олӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар ҷанбаи био ва нанотехнология, сектори IT, дорусозӣ ва соҳаҳои дигар таъкид гардиданд.

Дар бораи қабули «харитаи роҳ» доир ба татбиқи қарорҳои муштарак ва шартномаҳои имзошаванда, аз он ҷумла дар доираи анҷумани ояндаи инноватсия ва чорабиниҳои корчаллонии Ӯзбекистону Эрон аҳду паймон шуд.

ЎзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БО САРВАЗИРИ ГУРҶИСТОН РОҲҲОИ ВАСЕЪ НАМУДАНИ ҲАМКОРИИ АМАЛИРО МУҲОКИМА НАМУД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 19 июл Сарвазири Гурҷистон Ираклий Ғарибашвилиро пазируфт, ки дар мамлакатамон бо ташрифи расмӣ ҳузур дорад.

Зимни мулоқот истиқболи пеш бурдани лоиҳаҳои муштарак ва барномаҳои ҳамкории амалии байни ду мамлакат, пеш аз ҳама дар соҳаи нақлиёт ва логистика, савдо, ҳамкории саноатӣ баррасӣ гардиданд.

Ба масъалаҳои босамар ба кор андохтани потенсиали транзит, аз он ҷумла инфрасохтори бандаргоҳҳои Поти ва Батуми ҳангоми ҳамлу нақли амволи ватанӣ эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Ба имконоти мавҷуда барои татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои бофандагӣ, электротехникӣ, озуқаворӣ, дорусозӣ ва ғайра бо назардошти шароити муносибе, ки дар минтақаҳои озоди саноатии ҳудудҳои Ӯзбекистон ва Гурҷистон ба вуҷуд оварда шудааст, ишора гардид.

Ғайр аз ин таваҷҷуҳи тарафайн ба фаъол намудани табодули маданиву инсонпарварӣ ва афзоиши мавҷи сайёҳӣ таъкид шуд.

Дар бобати баргузор намудани ҷамъомади навбатии Комиссияи байниҳукуматии дуҷониба ва қабули «нақшаи роҳ» доир ба минбаъд вусъат додани ҳамкории мутақобилан судманд тавофуқ ҳосил шуд.

ЎзА.

ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР ҲАМОИШИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ИШТИРОК МЕНАМОЯД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров 21 июл аз шаҳри Чӯлпонатои Қирғизистон барои иштирок дар чорабиниҳои Мулоқоти машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ боздид ба амал меорад.

Интизор меравад, ки дар кори ҳамоиш зери раёсати ҷониби Қирғизистон инчунин президентҳои Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон ширкат менамоянд.

Дар рӯзномаи мулоқоти пешвоёни мамлакатҳои минтақа масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои амалӣ, аз он ҷумла дар соҳаҳои савдо, нақлиёт ва логистика, ҳамкории саноатӣ, инноватсия, бехатарии озуқаворӣ, сайёҳӣ табодули маданиву инсонпарварӣ шомиланд.

Ба мустаҳкам намудани ҳамкорӣ дар заминаи таваҷҷуҳи муштарак ба хатар ва ситезаҳо ба суботнокии имрӯз ва рушди устувори Осиёи Марказӣ эътибори алоҳида нигаронда мешавад.

Дар ниҳояи ҳамоиш қабул намудани чандин ҳуҷҷати муҳими бисёрҷониба пешбинӣ гаштааст.

Махсус бояд таъкид кард, ки ташаббус дар бораи баргузор намудани Мулоқоти машваратии роҳбарони давлатҳои Осиёи Марказӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев соли 2017 зимни ҷамъомади 72-юми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод гардида буд.

Ҷамъомади якуми пешвоёни минтақа моҳи марти соли 2018 дар Нурсултон, ҳамоиши дуюм моҳи ноябри соли 2019 дар шаҳри Тошканд, вохӯрии сеюм моҳи августи соли гузашта дар Минтақаи миллии сайёҳии «Аваза»-и Туркманистон баргузор гардидаанд.

ЎзА.

Галла-2022

ЭЪТИРОФИ ХИДМАТИ ҒАЛЛАКОРОНИ ШОФИРКОН

Галлакорони ноҳияи Шофиркон низ имсол ҳосили фаровон рӯёнданд. 351 хоҷагии фермерии ноҳия дар 6 ҳазору 154 гектар майдон гандум корида ухдадор шуда буданд, ки мувофиқи шартнома ба давлат 15 ҳазору 90 тонна ғалла супоранд.

Мавсими дарав дар ғаллазор 20-то комбайн бо кӯмаки техникаи ёрирасон ба ғунучини ҳосил пардохта, 20 июн ба давлат 16 ҳазору 310 тонна гандум супорида, нақшаи солонаро 112 фоиз иҷро карданд. Ба ин комёбӣ хоҷагиҳои фермерии «Азим – Шофиркон юлдузи», «Салимбобо», «Исломобод» аз ҳудуди Вардонзе, «Руслан Ҳамро Сардор» аз ҳудуди Искогаре, «Қодир», «Умедҷон сахий замини» аз ҳудуди Ҷӯинав, «Аслонбобо» аз ҳудуди «Боғиафзал», «Очил Барот» аз ҳудуди «Султон Ҷӯра», «Файзӣ Нарзулло», «Барнобибӣ Бекзод» аз ҳудуди Тезгузар, «Отабек» аз ҳудуди Ҷӯйработ, ҶММ «Body Mak» аз ҳудуди Дӯрман, «Беҳрӯз Т» аз ҳудуди Деҳнав ва дигарон саҳми арзанда гузоштанд.

Ба муносибати 31-солагии соҳибистиқлолии Ӯзбекистон дар тарабхонаи «Рисолат» бо мақсади эътироф намудани меҳнати самараноки ғаллакорони ноҳия чорабинӣ ба амал омад. Дар он мутасаддиёни соҳа ва роҳбарони секторҳо бо сардории ҳокими вилоят Ботир Зарифов, кормандони ҳокимияти ноҳия , намояндагони ҷамоатҳо, роҳбарони хоҷагиҳои фермерии пешқадам ва онҳое, ки ба комёбии ғаллакорони ноҳия мададгор шудаанд, ҷамъ омаданд. Ҳокими вилоят ҳангоми суханронӣ хидматҳои ғаллакорон ва самараи меҳнати фидокоронаи онҳоро алоҳида таъкид кард ва ба чил нафар пешқадамони соҳа яҳдони замонавӣ, телевизор барин мукофотҳои пурарзиш супурд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки имсол ғаллакорони диловари ноҳия 40 ҳазору 205 тонна гандум истеҳсол карданд ва ҳосилнокии майдонҳоро ба 65 сентнерӣ расонданд. Даромади пешбинишуда ба 142 миллиарду 800 миллион сӯм рост меояд. Агар маҳсулоти ба ихтиёри худи хоҷагиҳои фермерӣ гузошташуда ба ҳисоб гирифта шавад, он 78 миллиард сӯмро ташкил мекунад. Дар атрофи дасторхони пурфайз сари «як пиёла чой» ва рақсу сурудҳои пурҷозиба суҳбати ғаллакорон дер давом кард.

Дар тадбир баъзе масъалаҳое, ки ба ободии ноҳия дахл доштанд, низ муҳокима гардиданд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ПИЛЛАКОРОНИ НАМАНГОН МУКОФОТОНИДА ШУДАНД

Дар қасри «Диёр»-и шаҳри Намангон гурӯҳи кормандони фидокори соҳаи пиллакорӣ дар вазъияти тантанавӣ мукофотонида шуданд.

Дар чорабинии идона фаъолони соҳа, пешқадамони кластерҳо ва хоҷагиҳои фермерӣ, инчунин ҷамъиятҳои агропиллакорӣ аз ҷониби ҳокими вилояти Намангон Шавкат Абдураззоқов истиқбол гирифта, ба онҳо тухфаҳои арзишманд тақдим гардид.

Ҷолиби диққат аст, ки соли ҷорӣ барои кирмакпарварони Намангон хеле самарабахш ва пурмаҳсул гардид. Онҳо 230 тонна «нахи нуқра» рӯёнда, супориши шартномавиро иҷро карданд. Барои парвариши тухмии кирмак бо 2437 хоҷагии фермерӣ ва 7423 хонакорон шартнома, инчунин бо 65 ҳазору 931 нафар кирмакпарварон шартномаи меҳнатӣ баста шуд.

Дар натиҷаи ба дараҷаи баланди ташкилӣ ва интизом гузарондани мавсими баҳории кирмакпарварӣ дар вилояти Намангон дар мавсими якум ва дуюми кирмакпарварӣ 35 ҳазору 351 қуттӣ тухми кирмак парвариш карда шуд. Аз ҳар як қуттӣ ба ҳисоби миёна 57,4 килограммӣ ҳосил гирифта шуд. Супориши шартномавӣ 101 фоиз иҷро гардид, ки назар ба порсола 130-140 тонна зиёд аст.

Дар ноил гардидан ба чунин нишондиҳандаҳои баланд хоҷагиҳои фермерӣ ба монанди «Фозилҷон қизи Зулхумор»-и ноҳияи Норин, «Зиёрат Поп»-и ноҳияи Поп, «Набӣ Собир»-и ноҳияи Чуст, «Теппакӯрғон ЛХС»-и ноҳияи Намангон, «Отабек Сулаймон Ҷасур»-и ноҳияи Чортоқ, «Абдулҳамид ота»-и ноҳияи Учқӯрғон, «Мингбулоқ обод замин»-и ноҳияи Мингбулоқ, «Чорбоғ замин гулшани»-и ноҳияи Тӯрақӯрғон ҳиссаи муносиб ҳамроҳ намуданд. Ин кирмакпарварони пешқадам аз ҳар қуттӣ 65-80 килограммӣ пилла гирифтанд.

Дарвоқеъ, яке аз ҷанбаҳои ба худ хоси саноати кирмакпарварӣ дар он аст, ки он шуғли мавсимии аҳолии бекорро дар деҳот, хусусан занони меҳнаткаши беш аз 35 ҳазор хонаводаро таъмин мекунад.

– Агар ҳар як корманд мувофиқи кораш ҳавасманд гардонда шавад, қувваю ғайрати зиёд пайдо мекунад, ки боз ҳам беҳтар меҳнат карда, баҳри марраҳои нав саъй намояд, – мегӯяд хонакори маҳаллаи «Кӯ-риқ»-и ноҳияи Янгиқӯрғон Сайдаралӣ Эргашев. – Дар мавсими гузашта 9 қутти тухмии кирмак парвариш намуда, ба давлат 1,2 тонна «нахи нуқра» супурдем. Дар ин бобат он чиз натиҷаи хуб бахшид, ки мо дар се гектар тутзор ташкил карда, бо усули пудрати оилавӣ кор кардем. Мо дар мавсим ду бор ҳосил гирифтем. Умуман буҷаи оилавӣ ба маблағи 35 миллион сӯм пурра гардид.

Президент барои кирмакпарварон имкониятҳои хуб фароҳам овард: барои кормандони ёрирасоне, ки дар соҳаи кирмакпарварӣ кор мекунанд, як мавсими кор аз ҳисоби фонди нафақаи ғайрибуҷавӣ ҳамчун як соли собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд ва онҳо низ ба андоз озод карда мешаванд.

Дар маросим муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон – роҳбари комплекси агросаноатии кишвар Шуҳрат Ғаниев иштирок кард.

Оқил ДАДАБОЕВ,
мухбири ЎзА.

ТАСДИҚИ СТРАТЕГИЯИ ҲАМБАСТАГИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБӢ ДАР СММ РАВАНДИ ҲАМГАРОИИ БАЙНИМИНТАҚАВИРО ДАСТГИРӢ МЕКУНАД

11 июл Ассамблеяи генералии СММ қатъномаи махсус дар бораи таҳкими робитаи мутақобилаи байни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, ки аз ҷониби Ӯзбекистон ташаббус шудааст, яқдилона дастгирӣ кард.

Қабули қатънома татбиқи амалии ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев гардид, ки дар рафти конфронси байналмилалии сатҳи олӣ «Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ: ҳамбастагии минтақавӣ. Даъват ва имкониятҳо» моҳи июли соли 2021 дар Тошканд пеш гузошта буд.

Қатънома натанҳо аз ҷониби тамоми кишварҳои узви СММ яқдилона ҷонибдорӣ карда шуд, балки якҷоя бо ҳаммуаллифони тақрибан 40 кишвари қитъаҳои гуногуни ҷаҳон қабул гардид, ки ин аз эътирофи баланди ҷомеаи ҷаҳонӣ аз аҳамият ва саривақтии пешниҳоди сарвари давлатамон шаҳодат медиҳад.

Инро фикру андешаҳои коршиносон ва сиёсатмадорони сершумори хориҷӣ низ тасдиқ мекунанд, ки муҳимият ва аҳамияти ин қатъномаро барои ноил шудан ба рушди устувори ду минтақа ва ҳам барои таҳкими минбаъдаи низоми иқтисодии ҷаҳон таъкид мекунанд.

Президенти Маркази байналмилалӣ оид ба андоз ва сармояҳо («ITIC») Даниэл ВИТТ (ИМА):

— Расо як сол пеш ман ба шарафи иштирок намудан дар конфронси байналмилалии «Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ: робитаи байниминтақавӣ. Даъватҳо ва имкониятҳо» дар Тошканд, ки Президенти Ӯзбекистон кушод, муяссар шуда будам. Қатъномаи СММ хеле равшан нишон медиҳад, ки пайвастшавӣ шояд ягона роҳи расидан ба Ҳадафҳои рушди устувори СММ то соли 2030 барои бисёр одамон бошад.

Бехатарӣ ва минтақагароӣ гузаштаи сармоягузорӣ мебошад. Трансформатсияи иқтисодии Ӯзбекистон таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев, ки солҳои охир онро мушоҳида менамоем, яке аз беҳтарин намуна ва моделҳои таъмини амният ва шукуфоии минтақа мебошад.

Дар тӯли 25 соли охир ман шоҳиди он будам, ки чӣ гуна кишварҳо метавонанд барои ташкили ниҳодҳои иқтисодии минтақавӣ дар Африқои Ғарбӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ якҷоя шаванд. Умедворам, ки модели ҳамкорӣ, савдо ва сармоягузорӣ метавонад дар Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ такрор ёбад. Боварӣ дорем, ки мо мебинем, ки чӣ гуна ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Ҳиндустон, Чин ва Русия барои таъмини субот ва сармоягузорӣ муттаҳид мешаванд.

Дар заминаи ташаббуси роҳбари Ӯзбекистон оид ба таҳкими робитаҳои минтақавӣ ман наметавонам ёдовар нашавам, ки маҷаллаи «Экономист» дар соли 2019 Ӯзбекистонро кишвари сол эълон карда буд. Ислоҳоти иқтисодӣ ва дигаргунсозиҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки дар кишвар сурат мегиранд, намунаи он мебошад, ки барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар ин самт чӣ кор бояд кард.

Профессори кафедраи тадқиқотҳои байналмилалӣ ва стратегии Донишгоҳи Малайя Рой Энтонӣ РОҶЕРС:

– Аз ҷониби Ассамблеяи генералии СММ қабул шудани қатъномаи махсус оид ба таҳкими робита байни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, ки аз ҷониби Президент Шавкат Мирзиёев ташаббус шудааст, бешубҳа далели баланд шудани нуфузи байналмилалии Ӯзбекистони Нав мебошад.

Бешубҳа ин санад тавассути тадқиқи лоиҳаҳои нави муштараки тиҷоратӣ, иқтисодӣ, нақлиёту инфрасохтор, фарҳангиву инсонпарварӣ байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ба густариши ҳамкориҳои ду минтақа мусоидат хоҳад кард.

Чунин мепиндорам, ки дар шароити кунунии вазъи мураккаби геосиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ, аз он ҷумла болоравии босуръати нархҳо ва норасоии ғизо дар саросари ҷаҳон, сиёсати прагматикии Ӯзбекистон оид ба таҳкими ҳамсоягии нек ва ҳамкорӣ байни минтақаҳо ҳатман платформаи нави ҳалли масъалаҳои ҳалталабро фароҳам меорад.

Директори иҷроияи «Маркази Ҷомеа бо ояндаи муштарак» Ҳолид Таймур АКРАМ:

– Қабули қатъномаи пешниҳодкардаи Ӯзбекистон муҳимтарин ҳодиса дар таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ мебошад. Ҳуҷҷат аз тамоми кишварҳои узв даъват мекунад, ки дар мубориза бо чолишҳои умумӣ ва таҳдидҳо ба суботу амният дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ саъю талош кунанд.

Қабули стратегияи ҳамбастагӣ дар СММ бешубҳа раванди ҳамгироии минтақаҳои моро дастгирӣ мекунад.

Қатъномаи қабулшуда роҳро барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ҷиҳати фароҳам овардани имкониятҳои бештар бобати офаридани платформаи ягонаи муттаҳид дар оянда боз мекунад.

Ҳамин тариқ, саъю кӯшиши беназири роҳбарияти Ӯзбекистон ба амали воқеӣ – ба роҳ мондани занҷири нақлиётӣ тавассути ҳудуди Афғонистон, кушодани ҳаби байналмилалӣ ва маркази логистикӣ дар шаҳри наздисарҳадии Тирмиз, сохтмони нақлиёти роҳи оҳани байни Ӯзбекистон ва Покистон, инчунин хати электрикии «Сурхон – Пули Қумрӣ» табдил меёбад.

Бешубҳа ба шарофати идоракунии муваффақи давлат ва сиёсати оқилона ҳамбастагии минтақавӣ имконпазир гардид.

Директори Кумитаи маъмурии Парки байналмилалии логистикии СҲШ дар Лянюнган Ли ЧЖАНЧАО:

– Таҳкими робитаҳои байниминтақавӣ ба ҳадафҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти диверсификатсияи хатсайрҳои нақлиётӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа ҳамчун як маркази байналмилалии нақлиётӣ ва транзитӣ мувофиқат мекунад.

Ин ҳадафҳо аз бумбасти идомаи нақлиётии Осиёи Марказӣ, ки ба ҳамгироии амиқи минтақа ба занҷирҳои ҷаҳонии таъминот ва ба даст овардани мақоми сазовори кишварҳои Осиёи Марказӣ дар модели ташаккулёбии низоми тиҷорати байналмилалӣ монеъ мешавад, амр дода мешавад.

Қабули қатъномаи махсуси Ассамблеяи генералии СММ дар бораи таҳкими робитаи мутақобилаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ба таҳкими ҳамоҳангсозӣ ва амиқсозии ҳамкориҳои минтақавӣ ҷиҳати тавсеаи имконоти нақлиёту транзит, таъмини дастрасии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бандарҳои баҳрӣ ва бозорҳои ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Мавқеи муҳими ҷуғрофии Ӯзбекистон, инчунин самараи ислоҳот имкон медиҳад, ки марказҳои нақлиётию логистикӣ таъсис дода шаванд, ки метавонанд ба рушди иқтисодии кишвар ва умуман минтақа такони нав бахшанд.

Ҳамчун яке аз бузургтарин бандарҳои Осиё мо тағйироту ислоҳоти мусбат дар соҳаи тиҷоративу иқтисодии Ӯзбекистон, бахусус дар соҳаи нақлиёт ва логистикаро бо диққат пайгирӣ мекунем. Ҳаҷми ҳамлу нақли молҳои Ӯзбекистон тавассути бандари Лянюнган тадричан афзоиш меёбад. Мо омодаем ҳамкориҳоро бо шарикони ӯзбекистонӣ барои афзоиши минбаъдаи ин нишондиҳанда таҳким бахшем.

АИ «Дунё».

Нуқтаи назари депутат

ХАЛҚ МЕЪЁРҲОИ СУЛҲҶӮЁНАРО ДАСТГИРӢ МЕКУНАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Зимни вохӯриҳо сокинон ҳамчунин иброз доштанд, ки солҳои охир таваҷҷуҳу ғамхории баланди давлати моро эҳсос кардаанд.

Бахусус ҳикояи ҳаётии сокини 88-солаи Сӯх Тоҷиддинбобо ба ёдам меояд. Вай нақл кард, ки дар замони шӯравии пешин дар корхонаи маъдани кӯҳии шаҳри Ҳайдаркони Қирғизистон кор мекард ва пас аз ба даст овардани истиқлол ҷои кор ва иқоматаш дар он ҷо расман сабт шудааст. Дар натиҷа Тоҷиддинбобо мақоми шахси бешаҳрвандро гирифт ва 25 сол аз Сӯх баромада натавонист. Тоҷиддинбобо ашки чашмонашро дошта натавониста, нақл кард, ки беш аз 20 сол боз хоҳару домодашро, ки дар деҳаи Чунғараи ҷумҳурии ҳамсоя зиндагӣ мекунанд, дида натавонистааст.

Агар таърихро ба ёд оред, то соли 2016 бисёре аз сокинони ин мавзеъ солҳои тӯлонӣ роҳи ҳалли ин масъаларо пайдо карда натавонистанд. Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ин ноҳияи бо Қирғизистон ҳамсарҳад, дар минтақаи «анклав» воқеъ буда, барои ба дигар минтақаҳои ҷумҳуриамон рафтан лозим меомад аз кишвари ҳамсоя гузаранд. Яъне барои ин аз посгоҳҳои марзӣ, гумрукӣ, санитарию экологӣ, корҳои дохилӣ ва нақлиётии кишвари ҳамсоя гузаштан лозим меомад.

Хушбахтона, дар шаш соли охир дар натиҷаи сиёсати хирадмандона ва ҳамчунин фармону қарорҳои қабулшудаи Президенти кишвар аз миёни ҳазорон ҳамватанони мо имрӯз зиёда аз 200 нафар сокинони Сӯх шаҳрвандӣ қабул намуда, робита бо мамлакатҳои ҳамсоя мустаҳкам гардиданд.

Инчунин, дар муддати кӯтоҳи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба беҳбудии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии аҳолии Сӯх нигаронда шудаast, бештар аз 50 корхонаи саноатӣ бунёд гардид. Истеҳсоли маҳсулоте, ки дар дигар минтақаҳо анҷом дода мешаванд, дар худи ноҳия ба роҳ монда шуд, ки бо ҳамин ба иқтисодиёти устувор замина гузошта шуд. Ғайр аз ин, содироти маҳсулоти тайёр ба роҳ монда шуд.

Имрӯз мо бо ифтихор қайд мекунем, ки меҳмонони олиқадр, ки аз Қирғизистони ҳамсоя ба Сӯх меоянд, ба ин дигаргуниҳо дар Ӯзбекистон бо мафтунӣ менигаранд. Сиёсати мукаммали андешидашуда, аз ҷиҳати илмӣ асосноксшудаи иқтисодӣ асоси беҳтар шудани зиндагонии халқи мо ва таъмини некӯаҳволии иқтисодии оилаҳо гардид.

Дар асоси ғояи «Ҳар як оила соҳибкор» лоиҳаҳои баланд бардоштани даромади аҳолӣ амалӣ гардида, ба истеҳсолкунандагони маҳаллӣ, рушди соҳаи хизматрасонӣ дастгирии давлатӣ расонда шуда, ба туфайли ин ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуданд.

Хулоса, имрӯз мардуми Сӯх ислоҳоти ба Конституцсияи халқӣ табдил додани Қонуни Асосиро, ки ирода, орзую умеди халқи моро ифода мекунад, комилан тарафдорӣ мекунанд.

Аз ҷумла, шаҳрвандон меъёреро, ки ба лоиҳаи Қонуни конституцсионӣ дар бораи бекор кардани ҳукми қатл дар Ӯзбекистон ворид шудааст, инчунин маҳкумияти шахс ва оқибатҳои ҳуқуқие, ки аз он бармеояд, барои маҳдуд кардани ҳуқуқи хешовандони ӯ асос шуда наметавонад, ҷонибдорӣ мекунанд.

Ба ғайр аз ин, ба Қонуни асосии мо ворид намудани моддаҳо дар хусуси он, ки Ӯзбекистон бо тамоми давлатҳо, дар навбати аввал бо ҳамсоягони наздики худ сиёсати сулҳҷӯёна ва дӯстона пеш мебарад, ки сиёсати хориҷии он ба тамоюл ва меъёрҳои яклухтии ҳудудии давлат, риояи ҳуқуқу озодии инсон асос ёфтааст, аз ҷониби мардуми Сӯх гарму ҷӯшон пазируфта мешавад.

Ҳамин тавр, раванди муҳими сиёсии имрӯза дар мамлакати мо — муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи Қонуни конституцсионӣ дар асоси тамоюли «сарчашма ва муаллифи ягонаи Конституцсия халқ аст» мегузарад.

Аҳмадҷон ҒАНИЕВ,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис

Дар ноҳияи Пскент даҳҳо лоиҳаҳои истеҳсолӣ дар бахши маҳсулоти бозоргир, бофандагӣ ва коркарди меваю сабзавот ба амал татбиқ мегарданд. Диверсификатсияи иқтисодиёт имкон медиҳад, ки зина ба зина ҳамаи соҳаҳо рушд кунанд, ба истеҳсолот маблағгузорони ватаниву хориҷӣ ҷалб карда шаванд.

Дар ин ҷо корхонаи муштараки масъулияташ маҳдуди ӯзбекистонию хитоии «Zhongtian Chemical» бо истеҳсоли реактивҳои кимиёӣ ва дигар маҳсулоте, ки дар соҳаи металлургияи кӯҳӣ истифода мешавад, кору фаъолият дорад.

– Маблағгузорӣ ба лоиҳа беш аз панҷ миллион долларро ташкил медиҳад, ин танҳо оғози кор аст. Мо дар оянда истеҳсолотро вусъат хоҳем дод, – мегӯяд директори корхона Янг Ҷиан. – Талабот ба маҳсулоти мо дар ҷумҳурӣ ва берун аз он зиёд аст.

Дар акс: *дар корхонаи муштараки ӯзбекистонию хитоии «Zhongtian Chemical».*

Аксбардор: Рашид ҒАЛИЕВ.

Ҳусни нави диёр

ОБОДГАРИҲО – ВОҚЕОТИ ТАЪРИХӢ!

Ба қабули барномаҳои «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод», дар ин самт баимзорасии фармонҳои роҳбари давлати мо чаҳор сол бештар вақт гузашт. Бо шарофати ин ду ҳуҷҷат ва ба иҷро расонда шудани вазифаҳое, ки дар онҳо муайян шудаанд, гуфтан мумкин, қиёфаи шаҳру деҳоти диёрамон куллан дигаргун гашт.

Аз таърихи бой ва қадимаамон маълум, ки эътибор ба ободонӣ ва амалӣ сохтани корҳои бунёдгарона дар маҳаллаҳо аз арзиш ва анъанаҳои бебаҳо ҳисоб меёфт. Дар вазъи идомадиҳии муттасили ин арзишҳо равнақ бахшидан ба ободонӣ дар тамоми ҳудудҳои мамлакат ва мутаносибан офаридани шароити муносиби зист ба аҳолӣ, беҳсозии маданияти зиндагӣ, аз ҳама муҳимаш, ҷалбсозии насли ҷавон ба корҳои хайр аҳамияти басо муҳим касб намуд.

Дигаргунсозиҳо ба рӯҳия ва тафаккури шаҳрвандони мо бетаъсир намонд. Ҳар кас саъй нигаронд дар ободгариҳо қадри тавон саҳм гузорад. Вале дар кори офаридани шароити муносиби зист ва таъмини фаровонии рӯзгор ғамхориҳои давлатӣ нақши муҳим бозид.

Ташрифи роҳбари давлат ба ҳудудҳо зуд-зуд ба вуқӯъ пайваст. Давр тақозо сохт ҳокимон ва дигар роҳбарони дарҷаҳои гуногун ба маҳаллаҳо баромада, ба ахволи воқеӣ дар ҷойҳо аз наздик шинос шаванд. Ба хонадонҳо даромада, ба сокинон суҳбат кунанд. Арзу мурочиатро шунида, чораҳо андешанд.

То андозае вазъро омӯхтаву таҳлил сохта, роҳбаронамон ба хулосае омаданд, ки бе куллан дигаргунсозии маҳалҳои зист, рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо пешравии кор ва табдил додани Ӯзбекистон ба яке аз давлатҳои тараққиёфта имконнопазир. Душворӣ ва проблемаҳо низ мавҷуд буданд. Лоқайд ва корбехушҳо ба ахволи ногувори мавҷуда сахт хӯ гирифтаву одат карда, ҳатто ба саранҷому саришта нигоҳ доштани хонаву ҷой ва ҳавлии худ эътибор наменигаронданд. Об ҳаст, хок серҳосил, вале қитъаҳои замини наздиҳавлӣ ё худ рӯйидаричаҳо ба ҳоли худ. Ҷуз ин аз ҷониби ҷамоати васеъ ва ҷалби васеи шаҳрвандон ба корҳои ободонӣ ташаббускорӣ ҳис нашуда ва корҳои самараноки сохторӣ муташаккилона пеш бурда намешуданд. Гоҳо ҳашар – иҷрои корҳои дастҷамъона, ки аз анъанаҳои қадимист, барои назарфиребӣ танҳо дар арафаи иду ҷашнҳо ба амал омада ва бештар барои расмӣ сохтани ҳуҷҷат ва додани ҳисобот рӯйи кор меомаданду халос.

Норасоӣ ва эҳтиёҷҳоро ба ҳисоб гирифта, бо мақсади куллан дигаргунсозии шароити зист дар ҳудудҳо, замонавӣ гардондани қиёфаи маҳаллаҳо, барпои ҷойҳои нави корӣ барои бошандагоне, ки дар онҳо умр ба сар мебаранд, қонунҳои зикршуда қабул ва барномаҳои «Деҳаи обод», «Маҳаллаи обод» мураттаб гардонда шуданд. Мувофиқи онҳо, дар навбати аввал, аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ ва маблағҳои аз бунёдҳои мақсадноки давлатӣ ҷудошуда таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, барпо, навсозӣ ва таъмири роҳҳо, дар асоси лизинг байни деҳот ва маркази ноҳияҳо ба роҳ гузоштани равуои автобусҳо, айни замон эътибор ба корҳои обдонию хуррамсозӣ ва вобаста бо он барпо намудани иншооти санитарию ирригатсионӣ, беҳсозии таъминот ба барқ ва гази табиӣ, модернизатсияи сохтори алоқа, барои куллан беҳсозии хидматҳои аҳамияти иҷтимоидошта барпои боғчаҳои бачагона, мактаб ва поликлиникаҳои оилавӣ, ҷалби соҳибкорон ба барпои объектҳои инфрасохтори бозор ва шохобчаҳои сервис аз вазифаҳои устувор муайян гардиданд.

Барои ҳалли масъалаҳои молиявӣ дар ҳузури Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва ҳокимони вилоятҳо бунёдҳои «Деҳаи обод» ташкил ва маблағи буҷаи маҳаллӣ, корхонаву ташкилотҳо, гранти институтҳои молияи байналхалқӣ ва давлатҳои хориҷӣ, хайрияҳои ҳомигии бунёди «Маҳалла» ва ташкилотҳои дигар, маблағҳои соҳибкорони ташаббускор ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, мавриди истифода қарор гирифт.

Дар натиҷаи омӯзиш маълум гашт дар 1071 деҳа ва маҳалла проблемаҳо ҳанӯз ҳалли ҳудро наёфтаанд. Ҷуз ин дар 179 деҳа ва маҳалла мактабҳои таълими умумию филиалҳои онҳо аз похса ва хишти хом сохта шудаанд. Дарозии умумии роҳу кӯчаҳое, ки ҳанӯз мумфарш нагардидаанд, 29 ҳазор километрро ташкил менамояд. 1540 маҳалла бо оби нӯшокии марказонидашуда таъмин нест. Деҳа ва маҳаллоте, ки ба равуои автобусҳо ниёз доранд, 49-то. Дар 781 нуқтаи аҳолинишин хидмати ҷамъоварии партов ташкил нашудааст.

18 марти соли равон роҳбари давлат ба қарор «Дар бораи чораҳо оиди ба амал бароварданӣ барномаҳои «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» имзо гузошт.

Мувофиқи барномаи давлатӣ дар амалигардонии Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав, ки барои солҳои 2022-2026 пешбинӣ шудааст, дар Соли бузургдошти инсон ва маҳаллаи фаъол ҷамъ 413 деҳа ва маҳалла интихоб гардида, ки дар онҳо корҳои сохтмон, таъмир ва ободонӣ пеш бурда мешаванд.

Зимнан, ободонӣ пештар ҳам буд, ки ҳаваси ҳамаро меовард, вале танҳо ба кӯча ва маркази ноҳияҳо эътибор нигаронда мешуду халос. Дарунтар ворид шавед ва тангкӯчаву ҳавлӣ ва биноҳои абгорро бинед, табъатон мекоҳид. Ҳоло ғӯшаҳои дурдаст низ дигаргунӣ касб намудааанд.

Барои обод гардондани ноҳияҳои дурдаст ва таъмини ободгарӣ дар рӯзгори мардум қарорҳои алоҳидаи роҳбари давлат қабул гардид, ки ба барномаҳои «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» ҳамоҳанганд. Масалан, қарор «Дар бораи чораҳои рушди иҷтимоию иқтисодии маҷмӯии ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона дар солҳои 2020-2021».

Дар доираи ин ҳуҷҷат тӯли якду соли охир корҳои азими бунёдгарона ба амал бароварда шуданд. Маҳалла ё кӯчае намонд, ки аз эътибор дур монда бошад. Кӯча ва роҳҳои дохилии маҳаллаҳое ҳам, ки аз маркази ноҳия хеле дуранд ва пештар дар онҳо равуо хеле душвор буд, васеъ ва мумфарш гардонда шуданд.

Чанде пеш дар маркази ноҳия истироҳатгоҳи замонавии бачагона сохта ва ба истифода супурда шуд.

Умуман, барои ободгардонии ҳудуди анклав дар вақтҳои охир, назар ба маълумотҳо, бештар аз 500 миллиард сӯм маблағ мавриди истифода қарор гирифтаast.

Дар маросими кушоиши он раиси Федератсияи иттиҳодияҳои касабавии Ӯзбекистон, Қудратулло Рафиқов гуфт: «Бинобар эътибори баланди Президент тӯли панҷ соли охир дар Сӯх дигаргуниҳои таъриҳӣ ба амал бароварда шуданд».

Воқеан, обод ва хуррамсозиҳо дар ҳамаи ғӯшаю канори ҷумҳурӣ, ки тарҳи Ӯзбекистонро ба маъной ҳақиқӣ нав кардаанд ва ба пайдо шудани иборaи «Ӯзбекистони Нав» сабаб гаштанд, фикр мекунем, аҳамияти таърихиро моликанд.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

ХАБАРҲО

АВВАЛИН ХАТМКАРДАГОНИ ФИЛИАЛ

Соли 2019 қарори Президент дар бораи чораҳои иловагӣ оиди таъмини профилактикаи ҳуқуқу амнияти ҷамъиятӣ ва такмили сохтори омодасозии кадрҳо дар соҳа ба имзо расида, дар асоси ин ҳуҷҷат филиали ихтисосондашуда дар ҳузури Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд таъсис ёфта буд.

Инак, “парасту”-ҳои филиал донишгоҳро хатм карданд ва дар боғи Ӯзбекистони Нав чорабинии хатм баргузор ва дар тадбири тантанавӣ таҳти роҳбарии ҷонишини вазири корҳои дохилӣ, генерал-майор Азиз Икромов намояндагони идораҳои ҳифзи ҳуқуқ аз пойтахт ва вилояти Тошканд, масъулони донишгоҳ, вакилони ВАО ва падару модарони хатмкардагон иштирок намуданд. Дар давоми чорабинӣ 268 нафар тамомкунандагон ба Ватан қасамёд қабул карданд. Баъди он ба 233 нафар ва зери фармони фармондеҳии Гвардия миллӣ ба 3 нафар, ки дар ҷамъбасти аттестатсияи давлатӣ баҳоҳои қаноатбахши малакавӣ гирифтаанд, дар маросими тантанавӣ диплом ва унвони “лейтенант” супорида шуд.

ҶАШНВОРАИ ЯХМОС ДАР БОҒИ ИСТИРОҲАТ

Дар ин рӯзҳои гармо боғҳои истироҳатии Тошканд, ки бинобар сердарахтӣ то андозае серсояву серун мебошанд, аҳолӣ ва меҳмонони пойтахтро ба худ ҷалб мекунанд.

Ташнагӣ шикастан бо нӯшокиҳо – роҳатбахш. Яхмосҳоро, ки навъҳои зиёд доранд, баробари бачаҳо калонсолон чун воситаи ташнагишикан истифода мекунанд, аз таъмашон лаззат мебаранд. Чорабиниҳои дилхушкунанда низ муттасил баргузор мегарданд.

Дар боғи истироҳатии Tashkent City дар доираи “Тошкент муздай фестивал - 2022” барномаи консертӣ бо иштироки овозхонҳои номии эстрадӣ рӯи кор омад. Хусусан баромади гурӯҳҳои «Мароқанд» ва «Элдидо» ба иштирокдорони ҷашнвора таассуроти хуб гузошт.

ТОШКАНД – МИЗБОНИ ЧЕМПИОНАТ

Конгресси навбатии Федератсияи атлетикаи вазнини Осиё, ки дар шаҳри Тошканд баргузор гардид, қарор намуд чемпионати Осиё дар соли 2024 дар Ӯзбекистон гузаронида шавад. Дар ин бора хидмати матбуоти Кумитаи миллии олимпӣ хабар додааст.

Дар Тошканд рӯикороии чемпионат ба Ӯзбекистон имконият медиҳад барои иштирок дар Бозиҳои тобистонаи олимпии Париж-2024 холҳои рейтингии муҳимро ба даст оварад.

Барои ба даст овардани ҳуқуқи мизбонӣ ба чемпионати қитъа ғайр аз Ӯзбекистон Туркманистон ва Ҳиндустон низ мубориза бурданд. Санаи мусобиқа дар соли 2024 баъдтар маълум карда мешавад.

М.ШОДИЕВ,
мухбири “Овози тоҷик”.

Лоиҳаи Қонуни Асосӣ – дар муҳокима

ЎЗБЕКИСТОН ТАРАФДОРИ ҲАМСОЯДОРИИ НЕК ВА МАНФИАТҲОИ ТАРАФАЙН МЕБОШАД

Дар мамлакатамон муҳокимаронҳо доир ба ислоҳоти конституцсионӣ то охири моҳи июл давом мекунанд. Ин ислоҳот кадом нақшаҳои барномарезишударо мадди назар дорад? Баъди референдуми умумихалқӣ дар ҳаёти мардуми мо, сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвари бисёрмиллатамон чӣ дигаргуниҳо рух хоҳанд дод? Ҳамаи ин ҳамчун ойина дар Қонуни Асосие равшан ифода ёфтаанд, ки аз тариқи референдуми умумихалқӣ мо соҳиби он хоҳем шуд.

Яке аз масъалаҳои хеле муҳимеро, ки ислоҳоти конституцсионӣ фаро гирифтааст, маҳз ҳамсоядории нек, таҳкими дӯстиву рафоқат бо кишварҳои ҳамсояву ҳамҷавор ва риояи манфиатҳои тарафайн ташкил менамояд. Ёдовар мешавем, ки ислоҳоти конституцсионӣ танҳо бо таҳрири баъзе моддаҳои Конституцсияи амалкард иктифо нанамудааст, балки ба воситаи ворид кардани тағйироту иловаҳо ба он ин дигаргуниҳо ба амал бароварда хоҳанд шуд.

Дар ин бора лоиҳаи Қонуни Асосӣ таҳияву таълиф гардид ва ба муҳокимаи умумихалқӣ гузошта шуд. Ба ҳамагон маълум аст, ки Қонуни Асосӣ на тавассути ниҳоди қонунбарори давлатӣ – Олий Маҷлис қабул карда мешавад, балки ба воситаи райъдиҳии умумии мардум қабул карда хоҳад шуд, ки бори нахуст дар мамлакати мо баргузор мегардад.

– Тағйироту иловаҳое, ки ба Қонуни Асосӣ ворид карда хоҳанд шуд, айнан барои ба тартиб даровардану такомул бахшидан ба онро мадди назар дорад, –гуфта мешавад дар хулосаи Комиссияи ислоҳоти Қонуни Асосӣ.

Ўзбекистон як муддат барои давлатҳои дунё, хусусан барои ҳамсояҳо кишвари дарвозаҳояш баста маҳсуб меёфт. Аммо дар авохири соли 2016, бо бо сари қудрат омадани Шавкат Мирзиёев сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакати мо куллан тағйир ёфт, вазъият оҳиста рӯ ба беҳбуд ниҳод. Дақиқтараш сиёсати кушодарӯй ва ҳамкориҳои барои тарафайн манфиатбахшу пурсамар ба роҳ монда шуданд.

– Агар ба натиҷа ва нишондиҳандаҳои он назар кунем, худ аз худ ҳувайдост, ки рақамҳои ҳеле болорафтаро мебинем. Ҳаҷми табодули берунаи моли Ўзбекистон ба 74 дарсад боло рафта, ба ҷои 24,2 миллиард доллари соли 2016 соли 2021 ба 42,1 миллиард доллари ИМА расид. Дар айни ҳол Ўзбекистон бо 193 мамлакати дунё робитаҳои тиҷоратии худро ба роҳ мондааст, – мегӯяд котиби матбуоти Комиссияи ислоҳоти Қонуни Асосӣ Одилҷон Тоҷиев.

Ногуфта намонад, ки дар Қонуни Асосӣ як қатор меъёрҳо илова карда мешаванд, ки бештар аз ҳама ба сиёсати хориҷии Ўзбекистон чиҳати арчу эҳтиромгузорӣ ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нигаронида шудаанд.

Тавре ки маълум аст, дар миёни давлатҳои Осиёи Марказӣ ду масъалаи аз ҳама нозуку ҳассос мавҷуд аст, ки аввалӣ ба камбудии об ва дувумӣ ба масъалаи сарҳад марбут мебошад. Масъалаи якум аҳамияти хоси стратегӣ дошта, муаммоест, ки ба воситаи омили инсон ва иродаи сиёсӣ ҳал карда мешавад. Масъалаи сарҳадҳо танҳо тавассути иродаи сиёсӣ ҳаллу фасл мегардад. Дар минтақа истифодаи роҳҳои нақлиётӣ, шабакаҳои барқу коммуникатсия, умумияти таъмини об, мавҷуд будани анклавҳо масъалаи сарҳадиро беш аз пеш умдатар сохтаву як қатор муаммоҳоро рӯи кор овардааанд. Ўзбекистон бо Туркманистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва қисман бо Қазоқистон дар масъалаҳои истифодаи роҳ, объект, сарҳад ва таъминоти об ба баъзе ихтилофи назар мувоҷеҳ гардидааст.

Бо вуҷуди ин, Ўзбекистон тавонистааст аз роҳи гуфтушуниду музокираҳо ин нобасомониҳоро пурра бартараф намояд. Акнун мамлакати мо дар Қонуни Асосии худ ба тамоюлҳои дахлнопазирии сарҳадҳо, вайрон накардани он, мавҷуд набудани чунин масъалаву муаммоҳо такя намуда, ҳатто ба сифати масъала бардоштани онҳоро куллан нолозим мешуморад.

Дар Конституцсия ба сифати меъёри алоҳида пешниҳод шудааст, ки Ўзбекистон бо ҳамаи давлатҳо сиёсати дӯстона ва сулҳҷӯёнаро пиёда мекунад. Он, дар навбати худ, ҳамчун меъёр дар Қонуни Асосӣ мустаҳкам мегардад. Мамлакати мо бо ба амал баровардани сиёсати сулҳҷӯёна ва ҳамсоядории нек, соли 2018 Доктринаи мудофиаро қабул карда буд. Ба сифати тамоюлҳои асосӣ дар он инҳо муқаррар шудаанд:

– роҳ надодан ба базаҳо ва объектҳои ҳарбии давлатҳои дигар дар қаламрави худ;

– иштирок накардани Нерӯҳои Мусаллаҳ дар амалиёти низомӣ дар беруни кишвар барои бартараф намудани низоъҳо ва аз байн бурдани даргириҳо.

Ин тамоюлҳо баёнгари он мебошанд, ки Ўзбекистон мамлакати бетараф аст ва Нерӯҳои Мусаллаҳи он танҳо барои мақсадҳои мудофиаи он корбаст мешаванд. Ба таъбири дигар, Ўзбекистон сиёсати кушодарӯй, ҳамкориҳои барои тарафҳо манфиатбахш, ҳамсоядории неку самимии худро идома медиҳад. Ин маънӣ дар Қонуни Асосӣ куллан ифодаи худро ёфтааст.

Интизор меравад, ки мардум тағйироту иловаҳо ба Қонуни Асосиро пурра ҷонибдорӣ хоҳанд кард, зеро сиёсати башардӯстонае, ки Президент Шавкат Мирзиёев пиёда мекунад, бо чунин навигариҳои ояндасоз ҳамоҳанг мебошанд.

Мардуми Ўзбекистон аз ҳар ҷиҳат обутоб ёфтааст. Вай нисбати тақдири худ ва наслҳои ояндаи ин мамлакат ҳаргиз бетафовут нест. Қонуни Асосие, ки бо тағйироту иловаҳо барои референдуми умумихалқӣ пешниҳод шудааст, маҳз манфиатҳои онҳоро ҳимоя хоҳад кард.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири “Овози тоҷик”.

Бонги изтироб

РАНГИ «МАКОНИ САБЗ» ДАР ТОШКАНД ЧӢ ГУНА АСТ?

Барнома ва лоиҳаҳое, ки аз тарафи ҳукумат қабул мешаванд, бешубҳа, ба рушду нумӯъи мамлакат ва фаровонҳолии мардум хидмат мекунад. Яке аз чунин лоиҳаҳо, ки 2 ноябри соли гузашта қабул шудааст, Лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» мебошад. Мувофиқи лоиҳа соле бояд 200 млн. дона ниҳоли дарахт ва бутта корида шавад, ки дар натиҷа ҳудуди майдони сабз дар шаҳрҳо аз 8 то ба 30 фоиз афзояд.

Зиёд гардидани шумораи заводу фабрикаҳо ва афзоиши автомобилҳо яке аз сабабҳои муҳими тағйироти иқлим ба шумор меравад. Эътибор ба тозагии гирду атроф, зиёд кардани шумораи бутта ва дарахтҳои меваноку манзаравӣ ҳолатҳои манфиеро, ки дар натиҷаи мушкилоти глобалии гармшавӣ ба миён меоянд, то ҳадди имкон пешгирӣ менамояд.

Солҳои охир дар корҳои сохтмону ободгардонии шаҳри Тошканд тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад. Дар канори каналҳо ва назди истироҳатгоҳҳо биноҳои истиқоматии баландошёна қад афрохтанд. Шаҳракҳои дохили шаҳр бошад, ба ҳусни пойтахт меафзоянд. Дар асоси лоиҳаи номбаршуда аз аввалбаҳори соли ҷорӣ дар ҳамаи мавзеъҳои шаҳри Тошканд гулбуттаву ниҳолҳо корида шуданд. Пас аз чунин корҳои ободонӣ шаҳр намои дигар гирифт. Муҳити сабз ба шаҳр бештар ҳавои тоза ворид кард.

Ба мақсади шинос шудан бо натиҷаи корҳои «Макони сабз» ва равшанӣ андохтан ба ҷараёни мазкур роҳи ноҳияи Яккасаройи пойтахтро пеш гирифтем. Аз метрои «Космонавтлар» баромада, ба кӯчаи Юнус Рачабӣ, ки долу дарахтҳои хушманзара ва биноҳои серошёна ба ду тарафи роҳи он зеб мебахшид, қадам гузоштем.

Кӯча чунин ҳамвор мумфарш гардида буд, ки мисли яхмолаки зимистон метобид. Осорхонаҳои санъати амалӣ, Хонамузейҳои Юнус Рачабӣ ва Абдулло Қаҳҳор дар ин кӯча ҷойгузин шудааст. Мо аз Осорхонаи санъати амалӣ дидан карда, ба маҳаллаи наздиктарини он қадам гузоштем. Чашмамон ба ҷамоаи пиронсолон, ки дар соягоҳ истироҳат доштанд, афтид. Фотокамераи дастамонро дида, онҳо чӣ касб доштани моро пурсиданд.

Пас аз шиносоӣ яке аз куҳансолон, ки худашро адабиётшинос Одилхон Раҳимов (ному насабаш иваз карда шуд) гуфта муаррифӣ намуд, гуфт, ки 50 сол боз дар Тошканд зиндагӣ мекунам. Дар ин маҳаллае, ки қадам ниҳодаед, Шароф Рашидов, Комил Яшин, Абдулло Қаҳҳор, Юнус Рачабӣ барин фарзандони номвари Ўзбекистон умр ба сар бурдаанд. Он вақт ин мавзеъ ободтару зеботарин маскани пойтахт ба ҳисоб мерафт.

Вақте бо пиронсолон ба дохили маҳалла медаромадем, манзараҳои аввала аз чашмамон нопадид мегаштанд. Дарахтҳои бешох ва арчаву сафедорҳои хушкшударо дида, фикр кардем, ки оё Саридораи ҳифзи экология ва гирду атроф вазифаи асосиашро «фаромӯш кардааст». Дилгир шуда, роҳи кӯчаи дигарро пеш гирифтем. Симчӯбҳои шабафрӯзи кӯҳна, шохҳои хушкшудаи дарахтон, ки бо замин яксон шудаанд, тӯдаи партовҳои чандрӯза «мегуфт», ки ходимони шуъбаи ободонии ноҳияи Яккасарой дар ин наздикиҳо ба ин ҷо қадам намондаанд.

Даврон АҲМАД,
ш.ТОШКАНД.
Суратгир: муаллиф.

Ҳамкорӣ

Айни замон ҳайати ҳокимияти вилояти Ҷиззах дар вилояти Оренбурги Русия қарор доранд. Ҳадафи асосии ин сафари расмӣ таҳким бахшидан ба ҳамкориҳо дар ҷодаи савдову иқтисод, сармоягузорӣ ва фарҳанг мебошад.

БА ОРЕНБУРГ САФАР НАМУДАНД

Ҳайати мо нахуст бо доираҳои расмии вилояти Оренбург вохӯрданд. Вохӯрии ҳайатҳо, аз ҷониби Федератсияи Русия, ноиби раиси ҳукумати Оренбург Игнат Петухов ва аз ҷониби Ўзбекистон, муовини ҳокими вилояти Ҷиззах Нодир Нурматов ба амал омад.

Сипас, дар маҷмӯи савдои «Петровский» аз намоиши маҳсулоти меваву сабзавот ва хоҷагии қишлоқ, ки аз вилояти Ҷиззах оварда шудааст, дидан карданд.

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти ҶИЗЗАХ.

Футбол

Ассотсиатсияи футболи Ўзбекистон барои муайян кардани футболбозони навраси соҳибистеъдод ва иштироки онҳо дар Суперлига ва тими яккачини Ўзбекистон турнир ва мусобиқаҳои гуногун баргузор менамояд. Инчунин, ҳар сол мобайни Академияи футболи суперлига, мактабҳои маҳорати футбол ва мактабҳои хусусии футбол гузаронидани чемпионати Ассотсиатсияи футболи Ўзбекистон ба ҳукми анъана даромадааст.

«ОДИЛ ҶУНИОР» – ҒОЛИБИ АССОТСИАТСИЯИ ФУТБОЛИ ЎЗБЕКИСТОН

Ҷамоаи футболбозони наврас аввал дар мусобиқаҳои ҳудудие, ки дар 5 минтақа баргузор гардид, иштирок карданд. Ғолибон барои иштирок дар мусобиқаи финалӣ роҳхат гирифтанд.

Соли ҷорӣ мусобиқаи финалӣ дар варзишгоҳҳои вилояти Намангон баргузор гардид. Онҳо ба 4 гурӯҳ тақсим шуда, дар баҳсҳо иштирок карданд.

Дар мусобиқаи нимфиналии байни футболбозони навраси синнашон 14 Академияи футболи «Одил ҷуниор» (Намангон) аз болои Академияи футболи «Насаф» (Қашқадарё) ва футболбозони Академияи футболи «Пахтакор»-и Тошканд аз болои Академияи футболи Андиҷон ғолиб омада, ба финал роҳхат гирифтанд.

Финал ба ҳисоби 1:1 ба анҷом расид. Ғолибон дар баҳсҳои 11 метра (пеналтӣ) муайян карда шуданд. «Одил ҷуниор» ба ҳисоби 4:2 олодастӣ нишон дод.

Дар мусобиқаи футболбозони синнашон 16 низ ҷамоаи «Одил ҷуниор» ва мактаби маҳорати футболи шаҳри Тошканд ба майдон баромаданд. Ин баҳс низ ба ҳисоби 4:2 бо ғалабаи футболбозони «Одил ҷуниор» ба анҷом расид.

Ғолибон бо Ҷоми Ассотсиатсияи футболи Ўзбекистон ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардиданд.

А. МУРОДОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Вилояти НАМАНГОН.

ИМКОНИЯТҲОИ ВАСЕЪ БАРОИ ҶАВОНОН

ҚАБУЛИ ҲУҶҶАТҲО БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ИДОМА ДОРАНД

Дар мамлакатамон дараҷаи ба муассисаҳои таълими олӣ фаро гирифтани ҷавонон сол аз сол меафзояд. Имрӯзҳо ба муассисаҳои олӣ супурдани ҳуҷҷатҳо ба марҳилаи шадид ворид шудааст.
Барои дохил шудан ба бакалавриати муассисаҳои таълими олӣ барои соли хониши 2022/2023 довталабон тавассути сайтҳои my.dtm.uz ва my.gov.uz онлайн ҳуҷҷат месупоранд.
Соли ҷорӣ ҷараёни қабул ба муассисаҳои олӣ чӣ гуна сурат мегирад?
Директори Маркази давлатии тести назди Девони Вазирон Маҷид КАРИМОВ дар ин бора чунин маълумот дод:

– Маълум аст, ки аз 20 июни соли 2022 бо роҳи онлайн ба рӯйхат гирифтани абитуриентҳо ба самти бакалавриати муассисаҳои таълими олӣ оғоз ёфтааст. Ба рӯйхат гирифтани абитуриентҳо тавассути сайти Маркази давлатии тест (my.dtm.uz.) ва портали хидмати давлатии интерактиви ягона (my.gov.uz.) онлайн ба амал бароварда мешавад. Бино ба ҳолати 14 июли соли ҷорӣ шумораи абитуриентҳое, ки ба МТО ҳуҷҷат супурдааанд, 575 ҳазору 834 нафарро ташкил намудааст. Барои аз рӯйхат гузаштан дар абитуриент шиносномаи биометрӣ ёки картаи ID ва ҳуҷҷати таълими миёнаи умумӣ бошад кифоя. Маълумотҳои дигар, аз ҷумла, ном, фамилия, номи падар, санаи таваллуд, сурат аз маркази персоналии давлатӣ гирифта мешавад. Шахсоне, ки шаҳрвандӣ надоранд, аз ҷониби комиссияи қабули муассисаи таълими олӣ дақиқ санҷида шуда, ба рӯйхат дароварда мешаванд.

Ба масъалаи қабули абитуриентҳо аз Қароқалпоқистон эътибори алоҳида нигаронда мешавад. Дар он ҷо аз 9 июл сайтҳои my.dtm.uz. ва my.gov.uz. ба кор оғоз намудаанд. Инчунин, дар маркази хидмати давлатии ҳар як ноҳияи Қароқалпоқистон ба рӯйхат гирифтани абитуриентҳо ба роҳ монда шудааст, ки ба он мутахассисон аз Маркази давлатии тест ва муассисаҳои таълими олӣ ҷалб карда шудаанд. Инчунин, тавассути сайтҳои мазкур ба забонҳои ўзбекӣ, русӣ ва қароқалпоқӣ СМС фиристода мешавад. Боз як ҷиҳати муҳимаш дар он аст, ки дар асоси таклифҳо муддати ба рӯйхат гирифтани абитуриентҳои қароқалпоқистонӣ дароз карда шудааст. Имсол маҳдудияти шакли таълим аз байн бардошта шуд. Ба довталабон ҳуқуқ дода шуд, ки дар як вақт то панҷ самти бакалавриро бо маҷмӯи фанҳо ва тартиби якхелаи санҷишҳо, инчунин ҳамаи шаклҳои таҳсил интихоб кунанд. Масалан, самти якуми таҳсилро дар шакли таълими рӯзона, самти дуюм таълими шабона, самти сеюм таълими ғоибона ва самти чорум таълими фосилавӣ интихоб намудан мумкин аст.

Боз як навгонӣ он аст, ки соли ҷорӣ аз забони хориҷӣ имтиҳони касбӣ гузаронда мешавад.

Аз оғози соли хониши 2022/2023 дар Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ўзбекистон, ки ба омода кардани мутахассисони забонҳои хориҷӣ ихтисосонида шудааст, Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд, дар маҷмӯи фанҳои Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд ба самтҳои таълими бакалавриат, ки забони хориҷӣ ба сифати фанни аввал ворид карда шудааст, дар имтиҳонҳои дохилшавие, ки дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Қӯқанд, Донишкадаи давлатии омӯзгории Нукус, ки дар самти бакалавриат омӯзгорони забонҳои хориҷӣ омода мекунанд, аз фанҳои забони хориҷӣ имтиҳонҳои касбие роҳандозӣ карда хоҳанд шуд, ки ба муайян кардани салоҳияти дарки забони хориҷӣ, хонда ва навишта тавонистан, ҳамчунин суҳбат кардан нигаронида шудаанд.

Довталабон ҳангоми аз рӯйхати онлайн гузаштан метавонанд то 5 самти таълимиеро, ки аз забони хориҷӣ имтиҳони эҷодӣ гирифта мешавад, интихоб намоянд. Дар ин маврид якҷо бо самтҳои таълимие, ки дар онҳо аз забони хориҷӣ имтиҳони эҷодӣ гирифта мешавад, интихоби самтҳои таълимие, ки дар онҳо санҷиши тест гузаронда мешавад, рухсат дода намешавад.

Имтиҳонҳои эҷодӣ аз забони хориҷӣ дар ду зина ташкил дода шуда, зинаи якум – баҳогузорӣ ба малакаи дарк, хонда ва навишта тавонистан, зинаи дуюм – баҳогузорӣ ба малакаи ҳарф зада тавонистан бошад, тавассути барномае, ки аз ҷониби Маркази давлатии тест кор карда шудааст, дар ҷойҳои махсус ба тарзи электронӣ гузаронда мешавад. Холи максималие, ки бояд дар имтиҳони эҷодии забони хориҷӣ ҷамъ карда шавад, бино ба ҳар малака аз 30 то 120 холро ташкил медиҳад.

Холҳои ҷамъкардаи довталабон аз рӯйи имтиҳонҳои эҷодии забони хориҷӣ дар мавриди дохил шудан ба самтҳои таълими бакалавриати муассисаҳои таълими олӣ нисбатан ба 93 хол ҳисоб карда мешавад.

Навигарии дигар ин аст, ки имсол ҳангоми тест ба довталабон ҷадвали формулаҳои асосӣ дода мешавад. Маълум аст, ки ба самтҳои таълими бакалавриати муассисаҳои таълими олӣ дар санҷишҳои тест ба довталабон ҷадвали даврии элементҳои кимиёвии Д.И. Менделеев дода мешавад.

Шурӯъ аз соли 2020 ба мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба довталабон аз фанни физика “Ҷадвали катакҳои физикаи доимӣ ва аломатҳои шартӣ” низ дода шуд.

Соли ҷорӣ бошад, дар асоси омӯхтани стандартҳои давлатӣ ба довталабон додани ҷадвали формулаҳои асосӣ аз фанҳои кимиё, физика ва математика пешбинӣ шудааст.

Инчунин ба довталабон барои ичрои супоришҳои тест лоиҳаҳо тақдим карда мешаванд. Солҳои аввал барои супурдани тест аз фанҳои кимиё, физика ва математика дар охири китоби супоришҳои тест варақи сафеди иловагӣ дода мешуд. Аз соли ҷорӣ бошад, бо мақсади офаридани қулайиҳо ба довталабон ба нақша гирифта шудааст, ки баъди супурдани тест аз фанҳои кимиё, физика ва математика барои кор кардани мисолҳо ба миқдори маълум ҷой ҷудо карда шудааст. Дар натиҷа, довталабон мисолро на дар охири китоб, балки барои дар худи ҳамон ҷо кор кардан имконият пайдо мекунанд.

Супоришҳои тести соли ҷорӣ дар 53 стадиону хиёбон баргузор мегаданд. Барои дар савияи баланд, ботартиб, ошкоро ва шаффоф гузаронидани санҷишҳои тест чораҳои зарурӣ дида шудаанд.

Назокат УСМОНОВА,
мухбири ЎзА.

Тобистони хуррами бачаҳо



«САРМЕШ» – МАЪВОИ ДӮСТДОШТАИ БАЧАҲО

Дар истироҳатгоҳи солимгардонии бачаҳои «Сармеш»-и тобеи идораи минтақавии Учқудуқи комбинати металлургияи кӯҳии Навоӣ беш аз 700 нафар писарону духтарон табъи дил истироҳат мекунанд.

Дар истироҳатгоҳи замонавӣ барои намоиш додани иқтидор ва бо шуғли дӯстдоштаи худ машғул гардидани ҳар як бача шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Ин ҷо маҳфилҳои бисер — дӯхтудӯз, пайкарасозӣ, наққошӣ ва апликатсия амал мекунанд. Дари китобхона ва Маркази маънавият ба рӯйи бачаҳо ҳамеша боз аст, «Радиои Сармеш» гуфторҳоро муттасил пахш мекунад. Журналистони ҷавон аз ҳаёти истироҳатгоҳ гуфторҳо омода месозанд.

Дар акс: *дар истироҳатгоҳи солимгардонии «Сармеш».*

Аксбардор: Сироҷ АСЛОНОВ (ЎзА).

Аз таърихи кишвар

ТАНТАНА ДАР ГУЗАШТА

ё худ нигоҳе ба таърихи бунёди роҳи оҳани Самарқанд

Аз 15-ум то 17-уми майи соли 1888 дар майдони Регистон тантанаҳои бонуфуз ба вуқӯъ пайваст, ки ба муносибати ба поён расидани сохтмони роҳи оҳани Закаспий дар масофаи 1.415 чақрим (тақрибан як чақрим (вёрст) ба 1,7 км. баробар аст – З.Ҳ.) доир гардид. Сохтмони ин роҳи оҳан қариб 20 сол идома ёфт. Дар иди бошукӯҳ аз мамлакатҳои хориҷӣ низ меҳмонон ширкат варзиданд. Аз он рӯзҳои таърихӣ 134 сол сипарӣ гашт ва гарчанд бо гузашти айём тантанаҳо фаромӯш шудаанд, аммо ҳамон бо роҳи оҳан қаторҳо равуо доранд.



Лоиҳаи оламшумул

Пас аз он, ки Русия Осиёи Миёнаро ба тасарруфи худ даровард, масъалаи кашонидани ашёи хом – пахта, чӯб, инчунин дигар гуна масолеҳи саноатӣ ва равуои мусофирон ба миён омад. Наклиёти беҳтарин роҳи оҳан буд. Ба ин мақсад қариб 40 лоиҳа мавриди муҳокима қарор гирифт. Аз ҷониби Русияи подшоҳӣ роҳи оҳани Закаспий, ки аз Красноводск оғоз ёфта, то Самарқанд тӯл мекашид, маъқул дониста шуд, ки мақсади ҳарбию стратегӣ низ дошт. Зеро эҳтимоли тачовузи Англия ба Осиёи Миёна мавҷуд буд. Ба сохтмон генералҳо М.Скобелев ва М. Анненков масъул шуданд. Бояд таъкид намуд, ки роҳи оҳан аз байни қумзор, дашту саҳрои касногузар мегузашт. Тобистонаш гарм буду зимистонаш сард. Иҷрои чунин вазифа ниҳоят душвор, пурхатар ва марговар буд. Ба бунёди роҳи оҳан сарбозони қӯшунҳои Русия ҷалб карда шуданд. Аз Русия овардани коргарон гарон афтод, ки намояндагони халҳҳои маҳаллӣ ҷалб гардиданд. Воқеан, адиб ва тарҷумони маъруф Ҳасан Ирфон (илоҳӣ руҳаш шод бод!) дар асарҳои «Ду ёр аз ду диёр» ва «Дар кулбаи косибон» нақл кардааст, ки падари бузургвораш аз Эрон омада, дар сохтмони роҳи оҳан иштирок кардааст ва релсҳои вазнинро танҳо кашонда, бо ҷонбозиҳо ба ҳурмату мукофотҳои генералҳои рус сазовор шудааст.

Ёд дорам, солҳои 70-уми асри гузашта камина котиби устод Ҳасан Ирфон будам. Вай дар лаҳзаҳои истироҳат аз кори тарҷумонӣ перомуни ҷасорату матонати қиблагоҳаш нақл карда, бо ифтихор мегуфт, ки дар бор бардоштан нерӯяи падараш аз фил кам набуд.

Иродаи матин

Дар саҳро сарбозону мардикорҳо бисёр азоб мекашиданд. Алалхусус байни қитъаи Марв ва Чорҷӯ, ки ҳаво зудзуд тағйир меёфт, талафот бисёр шуд. Масалан, болои роҳ аввали шаб хоктӯда бошад, пагоҳирӯзӣ ба ҷояш чуқурии бетаг пайдо мегашт. Кӯчидани рег, гирдоб, тӯфон ба кор кардан имконият намедод. «Болои сӯхта намакоб» – дар байни коргарон беморихои варача, дарунравӣ, норасии витамин (синга) ва сироятнок авҷ гирифт ва аз дарди бедаво дар дашту биёбон садҳо нафар манзили охират ёфтанд.

Ҳарбиён ва сарҳангҳои онҳо дар вагонҳои алоҳида иқомат дошта, шароити зиндагӣ ва хуфту хӯрокашон беҳтару хубтар буд. Ҳар рӯзи панҷшанбе дар вагони махсус оби нӯшокӣ меомад. Инчунин, тез-тез масъули сохтмон генерал Анненков омада, муаммоҳои сохтмонро ҳал мекард. Дӯкони сайёр ҳам буд, ки коргарон сигор, самагон, ширинӣ ва маводи озуқа харид мекарданд.

Имтиёз барои бунёдкорон

Баробари сохтмони роҳи оҳан, стансияҳо ва казармахонаҳои истиқоматии ҳарбиён қад меафрохт. Шахсоне, ки нияти дар стансияҳо зиндагӣ кардан доштанд, ба онҳо имтиёзҳо дода мешуд. Масалан, дӯконҳои савдо кушодан, дар поездҳо ройгон сафар кардан, маводи заруриро бо қаторҳо кашонидан мумкин буд. Назорати роҳи оҳан ободонӣ, дарахтшинонӣ, атрофро сабз гардонидан дар зиммаи сокинони стансияи нав гузошта шуда буд. Охир сохтмони роҳи оҳан дар шароити душвор барои пешрафти иқтисодиёт ва маданият аҳамияти калон дошт.

Мардуми таҳҷоӣ аз мутахассисони рус касбҳои челонгарӣ, пайвандгарӣ омӯхта, ҳангоми носоз шудани вагону паровозҳо дар роҳ таъҷилан таъмир мекарданд.

Амири Бухоро Абдулаҳад баъди вохӯрӣ бо генерал А. Н. Руднев иҷозат дод, ки роҳи оҳан аз ҳудуди ӯ гузарад. Дертар се хати роҳи оҳани Закаспий байни Бухорои нав (Когон) ва кӯҳнаро пайваст. Ва як шохаи он то сарҳади Афғонистон рафт.

Тантанаи тараққиёт

Ниҳоят 13-уми майи соли 1888 сохтмони роҳи оҳан ба охир расид, ки дар он генерал-губернатори Туркистон Фон-Розенбах ширкат варзид. Баъди як рӯз нахустин поезди бо парчамҳои гуногун ороёфта 1.415 чақрим роҳро тай карда, то стансияи охирин – «Самарқанд» омад, ки қӯшунҳои гарнизони ҳарбӣ, меҳмонону мизбононро пешвоз гирифтанд. Дар байни онҳо олими машҳур, Ноиб-президенти ҷамъияти ҷуғрофии императори Русия П.Семёнов – Тян-Шанский, вакили сафоратхона, амири Бухоро ва дигарон буданд.

Тантанаҳои олиҷаноби тараққиёт дар майдони Регистон ба вуқӯъ пайваст. Бегоҳирӯзӣ садҳо чароғ ва мушакҳои бенгалӣ ба ёдгориҳои таърихӣ шукӯҳи хосса бахшиданд. Анҷумани бошукӯҳ бо аспдавонӣ ба 12 чақрим ба поён расид. Аз ҷониби садорати роҳи оҳан ба ғолибони пойга 300 рубл мукофотпулӣ гузошта шуд. Дар аспдавонӣ ғайр аз ҳарбиён 30 нафар чавандозҳои маҳаллӣ иштирок кардаанд.

Дертар хабари ба поён расидани сохтмони роҳи оҳани байни Красноводск – Самарқанд дар расонаҳои ахбори тамоми дунё дарҷ гардид. Фантастиканависи Фаронса Жюл Верн китоби «Клодиус Бобанак»-ро навишт. Тааҷҷубовараш он буд, ки нависандаи хаёлотӣ дар Париж истода, чунон моҳирона ва боварибахш асар эҷод кард, ки гӯё вай тавассути поезд ба Самарқанд омадааст. Албатта адиби тавоно аз маводи мавҷуд моҳирона истифода бурда, ҳатто дар бораи мардуми таҳҷоӣ – тоҷикон – урфу одати онҳоро устокорона ба қалам додааст.

Магар ин носипосӣ нест?!

Соли 1901 император Николай-II иҷозат дод, ки барои бунёди муҷассамаи асосгузору ҷоннисори сохтмони роҳи оҳани Закаспий, марҳум генерал Анненков маблағ ҷамъ карда шавад. Аз байн чанд сол гузашту ниҳоят 21-уми октябр соли 1913 дар байни калисои Николаи муқаддаси мазҳаби православӣ ва бинои вокзал муҷассамаи М.Анненков қад афрохт. Ҳайкалтарошони эҷодкор зери муҷассамаи ӯ болои санги мармар уқоби болкушодаи дар панҷаҳояш релсҳои роҳи оҳанро гузоштаанд. Афсӯс, ки ёдгорӣ ҳамагӣ 11 сол зеби назди майдони вокзал шуду халос. Тагсинҷ ҳамон, аммо болояш мурғи Ҳуморо гузоштаанд.

Ба фикри мо кори бо адолат мешуд боз назди дарвозаи роҳи оҳани Самарқанд муҷассамаи М.Анненков барқарор гардад. Охир хизмати ӯ дар бунёди роҳи оҳан бузург буд ва онро қадршиносӣ накардан гуноҳ аст.

Хуш омадед, ба Самарқанд!

Аз бунёди роҳи оҳани Закаспий 134 сол сипарӣ гашт. Тӯли ин қадар вақт чӣ қадар мардум ба шаҳри мо омада рафтанд ё роҳгузар шуда, бо ҳавасу дилкашолӣ ба Самарқанд нигариста гузаштаанд, ки ҳисоб надорад.

Воқеан бори нахуст пас аз ба истиқлол расидани ҷумҳурият қиёфаи бинои вокзал куллан тағйир ёфт. Собиқ ҳокими вилоят Пӯлод Абдураҳмонов тез-тез ба ин ҷо ташриф фармуда, аз бунёдкорӣ хабар мегирифт. Охири солҳои 90-уми асри сипарӣ ман дар ӯҳда вазифаи муҳаррири бахши тоҷикии телевизиони Самарқандро (СТВ) дошта, бо тасвирчиён ҷараёни таъмиру тармимро ба навор мегирифтем. Ва Пӯлод Маҷидович ба забони русӣ ва тоҷикӣ интервю медод. Бинобар ҳамин таъкид кардан ҷоиз аст, ки дар куллан тағйир ёфтани вокзал хизмати ӯ беқиёс аст.

Бори дуюм дарвозаи ҳавоӣ ва роҳи оҳани Самарқанд бо ташаббусу ғайрати сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев ҷараён гирифт. Ин бесабаб нест, зеро Самарқанд ба шаҳри сайёҳон табдил ёфта, ҳар рӯз ҳазорҳо нафар меҳмонон аз тамоми дунё ташриф мефармоянд. Таъкид кардан ҷоиз аст, ки хизматрасонӣ ба мусофирон ба дараҷаи олӣ буда, аз Тошканд то Самарқанд тавассути поезди «Афросиёб» дар тӯли 2,5 соат омадан мумкин аст. Ва ҳар шахсе, ки ба шаҳри мо меояд, нигоҳаш ба шиори «Хуш омадед, ба шаҳри Самарқанд» афтода, беихтиёр табъаш болида мегардад.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар
вилояти Самарқанд.

Олимони Ӯзбекистон ва Малайзия корро бинобар ҷустуҷӯ ва ба рӯйхатдарории осоре, ки ба Ӯзбекистон тааллуқ доранду нафақат дар Малайзия, балки дар кишварҳои Индонезия, Сингапур, Бруней, Филиппин, Ветнам, Камбоҷа ва Таиланд нигаҳдорӣ мешаванд, идома медиҳанд.

АВВАЛИН РӮЙХАТИ ДАСТНАВИСҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ, КИ ДАР МАЛАЙЗИЯ НИГАҲДОРӢ МЕШАВАНД, ТАРТИБ ДОДА ШУД

Дар Донишгоҳи байналхалқии исломии Малайзия (International Islamic University Malaysia – IIUM) рӯйхати дастнависҳои арабии олимони Ӯзбекистон ва Мовароуннаҳр, ки дар Китобхонаи Сайид Муҳаммад Нақиб Аттоси Малайзия нигаҳдорӣ мешаванд, созмон дода шуд. Рӯйхат дар бораи 150 осори дастнавис бинобар 20 самт, ки ба ҳуқуқи исломӣ, илмҳои динӣ, ҳадис, мантиқ ва саҳву наҳви забони арабӣ алоқаманданд, маълумот медиҳад.

Дар ин бора дар машварати онлайни вобаста ба мавзӯи «Дастнависҳои Ӯзбекистон ва Мовароуннаҳр, ки дар Малайзия нигаҳдорӣ мешаванд» сухан рафт, ки бо кумаки сафоратхонаи мамлакати мо дар Куала-Лумпур ташкил гардид. Дар чорабинӣ роҳбарият ва кормандони илмии муассисаҳои илмиву тадқиқотии ду мамлакат ширкат варзиданд.

Дар машварат мудири кафедраи Донишгоҳи байналхалқии исломии Малайзия, профессор Муҳаммад Сайид, ки дар мавзӯи «Дастнависҳои олимони Ӯзбекистон ва Мовароуннаҳр», ки дар кишварҳои Осиёи Ҷанубиву Шарқӣ қарор доранд, корҳои тадқиқотӣ мебарад, ба сифати иштирокдори барномаи байналхалқии стипендияи ба номи Имом Бухорӣ маърӯза кард.

Дар машварат ба чораҳои маҷмӯӣ оид ба омӯхтан, ҳифз кардан ва пешбурди мероси ғанӣ ватманди тамаддуни исломӣ, ки дар Ӯзбекистон татбиқ мешаванд, баҳои баланд дода шуд. Муҳаммад Сайид мероси ғанӣ ватманди зеҳнии олимон ва мутафаккирони Осиёи Марказиро, ки дар бисёр соҳаҳои дониши инсоният саҳми беқиёс гузоштаанд, махсус таъкид намуд. Аз ин ҷиҳат муҳимияти омӯхтан ва ба рӯйхат гирифтани дастнависҳои нодире, ки ба таърихи минтақа дахл доранд, таъкид гардид.

Бинобар натиҷаи чорабинӣ дар бораи татбиқ намудани тарҷумаи рӯйхати созмондодашуда ба забони ӯзбекӣ ва омӯхтани масъалаи ба роҳ мондани нусхаи факсимили маълумоти нодири нашрҳо ва тарҷумаи дастнависҳо ба забонҳои дигар муоҳида ба имзо расид.

Ҷонибҳо ҳамчунин изҳор доштанд, ки ба идома додани кор бобати ҷустуҷӯ кардан ва ба рӯйхат гирифтани дастнависҳои вобаста ба Ӯзбекистон дар китобхонаҳои дигари Малайзия ва кишварҳои Осиёи Ҷанубиву Шарқӣ, аз ҷумла Индонезия, Сингапур, Бруней, Филиппин, Ветнам, Камбоҷа ва Таиланд идома медиҳанд.

АИ «Дунё»,
КУАЛА-ЛУМПУР.

ДАР ХОРИҶ ТАҲСИЛ ГИРАМ ҲАМ, БА ВАТАН ХИДМАТ МЕКУНАМ

Дар панҷ соли охир барои мо – ҷавонон нафақат дар муассисаҳои таълими олии мамлакат, балки дар таълимгоҳҳои олии бонуфузи хориҷӣ таҳсил гирифтан имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст.

Ин аз мо талаб мекунад, ки баробари илм забонҳои хориҷиро низ омӯзем. Дар ин ҷода камина ба пеши худ мақсад гузоштам, ки дар оянда дар хориҷа таҳсил гирам. Оиди забони англисӣ дар машғулиятҳои иловагӣ иштирок кардам.

Солҳои таҳсил дар Донишгоҳи ҳуқуқшиносии Тошканд баробари машғулиятҳо дар корҳои ҷамоатӣ фаъол иштирок кардам. Соли ҷорӣ бакалавриати донишгоҳро ба итмом мерасонам. Аз имтиҳони забони англисӣ (IELTS) 6,5 хол ҷамъ оварда, якбора ба 10 донишгоҳи хориҷӣ қабул шудам. Аз ҷумла, ба 4 донишгоҳи ИМА, ба 3 донишгоҳи Фаронса ва Англия.

Ин комёбии ноилгардидаам нафақат самараи дар ҷодаи илм заҳмат кашидан, инчунин ҳиссаи падару модарам – бошандагони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Қизилтепаи ноҳияи Чуст Яҳёхон ва Умрияхон Котибоваҳо калон аст.

Камина Донишгоҳи Сан-Франсискои ИМА-ро интихоб кардам. Он яке аз донишгоҳҳои бонуфузи дунё ба шумор меравад. Баъди хатми донишгоҳ ба мамлакатамон омада ба равнақи кишварам хидмат мекунам.

Иззатулло КОТИБОВ,
хатмкунандаи Донишгоҳи
ҳуқуқшиносии Тошканд.

Дар асоси дархосту супориши сарвари давлатамон дар майдони Регистон наворбардории филми муштараки коргардонҳои тоҷику ӯзбек оғоз хоҳад ёфт. Дар ин бора дар тадбири аксияи «Кинокорвон», ки дар майдони Регистон ба вуқуъ пайваст, директори Агентии кинематографияи Ӯзбекистон Фирдавс Абдухолиқов ба ҳаводорони синамо иттилоъ дод.

«БОЗГАШТ»-И ҶОМӢ ВА НАВОӢ БА САМАРҚАНД

Бояд таъкид намуд, ки шоири ширинкалому хушбаёни лирикии форсу тоҷик Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ пас аз 20-солагӣ аз Ҳирот ба Самарқанд омада, аз олимони маъруф Қозизодаи Румӣ ва Файзуллои Абулайсӣ сабақ гирифт.

Аз байн чандин сол сипарӣ шуд ва ӯ ҳамчун сухандону сухансанҷу суханпардози номдори форсу тоҷик ба бисёр навқаламон устодӣ кард.

Яке аз шогирдони бовафо ва дӯсти арҷманду ҷонсӯзаш асосгузори адабиёти ӯзбек Алишер Навоӣ буд, ки бо тахаллуси Фонӣ ба тоҷикӣ менавишт. Эшон на танҳо дар Ҳирот, инчунин дар Самарқанд ҳамкорӣ ва суҳбати дилнишину самимӣ доштанд, ки дар филми муштараки Тоҷикистону Ӯзбекистон акс хоҳад ёфт.

Албатта, чеҳраҳои маъруфу номдор чун алломаҳои адабиёти классикии форсу тоҷикро офаридан аз таҳиягарон ва ҳунарпешагони синамо масъулият, маҳорат ва ба далели таърихӣ такя карданро талаб мекунад.

Умед дорем, ба ҳалли масъалаҳои муҳим Ҷомӣ ва навоишиносон кумаки беғаразона хоҳанд расонд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

Тарҳи диёр

Дар мамлакатамон корҳои васеъмиқёси ободсозӣ ва бунёдкорӣ бурда мешавад. Қад афрохтани маҷмӯаи савдо, биноҳои зист, мактабу олигоҳ ва зиёратгоҳҳо ҳусну таровати ватани ҷаннатмисоли моро рӯз то рӯз меафзояд. Масалан, аз нав тармим гардида ба истифода супурда шудани боз як иншооти бошукӯҳ – бинои масҷиди ҷомеъ дар шаҳри Бахти вилояти Сирдарё тасдиқи фикри боло аст.

МАСҶИДИ ҶОМЕЪ ТАЪМИР ШУД

Дар тарафи рости масҷид манораи 37 метра қад афрохт. Дар ин ҷо хонақоҳи калони дорои 2500 ҷой, айвон, таҳхона, китобхона ва хонаи хидматӣ барпо карда шудааст. Дар паҳлӯи масҷид барои занон ибодатгоҳи алоҳида бунёд гардида, дар он дар як вақт беш аз 100 нафар зан метавонад намоз гузорад. Фаъолони маҳалла ба устоён ёрдам доданд. Онҳо на танҳо дар ҳудуди бунёдшавии сохтмон, балки дар ҳамаи корҳои ободонӣ ва тозакунии маҳалла ширкат варзиданд.

Ба айвони масҷид, ки дар намозҳои ид хеле серодам мешавад, дар як вақт қариб се ҳазор нафар меғунҷад. Баъди корҳои сохтмон, ки қариб ду сол давом кардааст, қиёфаи бино куллан тағйир ёфт.

Беш аз 200 нафар усто, муҳандис, ҳунарманд, ороишгар ва мутахассисони дигаре, ки аз ҳама ҳудудҳои кишвар ҷамъ омадаанд, дар барқароркунии обидаи таърихӣ фаъол ширкат варзиданд.

– Дар сохтмони масҷид иштирок намудам, – мегӯяд яке аз сокинони маҳалла усто Бахтиёр Асадов. – Дар рафти азнавсозии маҷмӯа, зиёратгоҳи алломаҳо ва масҷидҳо таърихро боз ҳам амиқтар меомӯзем. Дар ҷараёни кор ин хеле муфид аст. Ҷиҳатҳои фарқкунанда ё монандии лоиҳаҳоро муқоиса мекунем. Ин дар навбати ҳуд барои ба фарзандонамон маълумот додан низ мусоидат мекунад.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».
Вилояти СИРДАРЁ.

Маълум аст, ки Бухорои шариф дар соли 2020 ҳамчун пойтахти маданияти олами ислом (ICESCO) эълон шуда буд.

ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХИИ БУХОРО – ШОМИЛИ ICESCO

Моҳи июни соли 2021 дар сессияи IX Кумитаи мероси олами ислом ба тарзи онлайн аз хусуси бақайдгирӣ ва ҳифзи як қатор ёдгориҳои таърихии шаҳри куҳан сухан рафт.

Ба қарибӣ дар сессияи X ICESCO бобати шомили рӯйхати мероси мадании олами ислом гардидани ҳафт объекти мероси мадании Бухоро: мақбараи Исмоили Сомонӣ, маҷмӯъҳои «Чорбакр», «Баҳоуддини Нақшбанд», «Пои Калон», масҷиди «Мағоки Атторӣ», харобаҳои қалъаи Пойканд ва шаҳристони он, мадрасаи Сарои санг сертификатҳои дахлдор супорида шуд.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти
Бухоро.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4716 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Х 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.